***УДК 347.9***
***ББК 67.410.14***

***БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МАФҲУМ ВА ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ СУДҲОИ ҲАКАМӢ***

***Шукуров Фарҳодҷон Манонович,*** *муаллими калони кафедраи ҳуқуқи граждании ва меҳнатии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ О ПОНЯТИИ И ПРАВОВОЙ ПРИРОДЕ ТРЕТЕЙСКИХ СУДОВ***

***Шукуров Фарходджон Манонович,*** *старший преподаватель кафедры гражданского и трудового права ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***SOME ISSUES CONCERNING THE NOTION OF ARBITRATION TRIBUNALS AND THEIR LEGAL NATURE***

***Shukurov Farhoddjhon Manonovich,*** *senior lecturer of the department of civil and labor law under TSUPBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL****:shukurovf1975@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *суди ҳакамӣ, суди доимоамалкунанда, мурофиа, баҳсҳои иқтисодӣ, баҳсҳои гражданӣ, шакли алтернативӣ, ҳалли баҳс*

*Масъалаи муайян намудани мафҳум ва табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ баррасӣ шудааст. Таъкид шудааст, ки солҳои охир дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаҳои мақоми ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ, доираи салоҳият ва оқибати қарорҳои қабулшаванда беш аз пеш мавриди муҳокима ва мубоҳисаҳои тӯлонии илмӣ қарор дода мешаванд. Дар асоси таҳлили мулоҳизаю ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба вижагиҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ равшанӣ андохта, низоми қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа муайян карда шудаанд ва роҳҳои такмили он пешниҳод гардидааст. Дар заминаҳои таҳлили қонунгузории амалкунанда доир ба табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ хулосаҳо бароварда шудааст. Аз ҷумла, суди ҳакамӣ ҳамчун шакли алтернативии ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва гражданӣ муайян карда шудааст, ки дар ду намуд таъсис дода мешавад: судҳои ҳакамии доимоамалкунанда; судҳои ҳакамии як борамалкунанда. Судҳои ҳакамӣ имкон медиҳанд, ки тарафҳо мустақилона, озодона ва дар ҳамбастагии якдигар баҳсҳои худро ҳаллу фасл намоянд.*

***Ключевые слова:*** *третейский суд, постоянно действующий суд, процесс, экономические споры, гражданские споры, альтернативная форма, разрешение споров*

*Рассматривается вопрос об определении понятия и правовой природы третейских судов. Отмечается, что в последнее время в научной литературе проблематика правового статуса третейских судов, сфера компетенции указанных субъектов, последствия принятия решения этими органами являются предметом научных дискуссий. Путём анализа мнений отечественных и зарубежных учёных выявлены особенности правового регулирования деятельности третейских судов, определена система национального законодательства Республики Таджикистан в указанной сфере, предложены пути его совершенствования. Анализ отечественного законодательства позволил сделать ряд выводов. В частности, третейские суды определены как альтернативная форма разрешения гражданско-правовых, экономических споров и могут быть образованы в двух формах: постоянно действующие третейские суды и третейские суды, образуемые единожды. Третейские суды дают возможность сторонам самостоятельно, свободно и во взаимосвязи с друг другом решать возникающие споры.*

***Key-words:*** *arbitration tribunal, constantly functioning court, trial, controversies in regard to economy, civil controversies, alternative form, settlement of arguments*

*The article dwells on the issue dealing with a definition of the notion and nature of arbitration tribunals. It is noted that for the latest time such issues as problematics of legal status of arbitration tribunals, sphere of authorization of the latters for certain actions, aftermath of adoption of resolutions by the bodies in question have been a subject of scientific arguments. Analyzing the opinions of home and foreign scientists the author of the article elicits the specificities of legal regulation in reference to the activities of arbitration tribunals, he determines the system of Tajikistan Republic national legislation in the sphere under consideration and moves out the ways of its improvement. The analysis of national legislation affords to make a number of inferences. In particular, arbitration tribunals are defined as an alternative form of settlement as to civil-legal economic controversies and they may be presented in two variants: permanently functioning arbitration tribunals and those ones formed for a concrete single case. Arbitration tribunals enable litigant parties to settle emerging arguments self-sufficiently, in a free manner, and choose natural connection with each other or one another.*

Солҳои охир дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаҳои мақоми ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ, доираи салоҳият ва оқибати қарорҳои қабулшаванда беш аз пеш мавриди муҳокима ва мубоҳисаҳои тӯлонии илмӣ қарор дода мешаванд [4, с. 127-133]. Сабаби чунин ҳолат ноаниқ будани муносибати қонунгузор, инчунин таълимоти ҳуқуқии кишвар нисбати ин падидаи ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, бо назардошти мубрамияти пажӯҳиши илмии масъала, дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ медиҳем, то мафҳум ва табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамиро ба риштаи таҳлил кашем.

В.В. Прохоренко таърихи ба вуҷуд омадани судҳои ҳакамиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ишора менамояд, ки таърихи баррасии ҳакамии баҳсҳо яке аз шаклҳои қадимтарини ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ ба ҳисоб меравад. Он зина ба зина шакли дигари қадимаи ҳимояи ҳуқуқ – ваколати худсарона амалкуниро иваз намудааст. Вақте, ки қарзхоҳ ба хонаи қарздор ҳозир мегардид, бар ивази маблағи қарз амволи вайро ба тасарруфи худ медаровард ва бо ин ваколати худсарона амалкуниро татбиқ менамуд. Чунин намуди ҳимояи ҳуқуқ ба худсарона амал кардан (самоуправство) хеле наздик мебошад. Аз ин рӯ дар натиҷа маҳз шакли баррасии ҳакамии ҳалли баҳсҳо ҳамчун шакли ба талаботи муомилоти молумулкӣ мувофиқ инкишоф ёфт [7].

Тавре ки Зариф Ализода қайд намудааст, эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократии ҳуқуқбунёд тақозо менамояд, ки шаҳрвандон, созмону ташкилотҳои онҳо ҳар чӣ бештар баҳсҳои худро мустақилона дар ҳамбастагии якдигар ва бо истифода аз воситаҳои ғайридавлатии (алтернативии) ҳалли чунин баҳсҳо дида бароянд [ 1, с.8-10].

Дар ҷомеаи мутамаддини ҷаҳони муосир намудҳои гуногуни чунин воситаҳои ғайридавлатии ҳалли баҳсҳо ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Миёнаравӣ (медиатсия), воситаи оштишавӣ, гуфтушунидҳо; баҳои пешакии ҷониби бетараф, судҳои ҳакамӣ (бо қарори ҳатмӣ ва ғайриҳатмӣ) аз қабили онҳо мебошанд.

Яке аз воситаи муҳимми ҳалли чунин баҳсҳо судҳои ҳакамӣ мебошанд, ки онҳо имкон медиҳанд тарафҳо мустақилона, озодона ва дар ҳамбастагии якдигар баҳсҳои худро ҳаллу фасл намоянд. Тарафҳо метавонанд барои ҳалли баҳсҳои худ судҳои ҳакамии як якбор амалкунанда (барои ҳалли баҳси бавуҷудомадаи мушаххас) созмон диҳанд ё ба судҳои ҳакамии доимоамалкунанда муроҷиат намоянд.

Тавре ки С.Ш. Болтуев ишора менамояд, «фақат аз соли 2008, баъди қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти мақомоти амалкунандаи яке аз шаклҳои муҳимми ҳимояи ҳуқуқи гражданӣ дар замони муосир – судҳои ҳакамӣ хусусияти қонунӣ пайдо кард. То ин вақт масъалаи ташкил ва фаъолияти онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-граждании шаҳрвандон бо Низомномае ба танзим дароварда мешуд, ки ба Кодекси мурофиаи гражданӣ замима гашта буд» [2, с.143-144].

Агар барои муайян намудани мафҳуми «суди ҳакамӣ» ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ»[1] рӯй орем, пас суди ҳакамӣ шакли алтернативии ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва гражданӣ мебошад, ки дар асоси хоҳиш ва пешниҳоди тарафҳои баҳс таъсис ёфта (интихоб шуда), ҳалли баҳси миёни онҳоро холисона, одилона ва тибқи қонун ҳаллу фасл менамояд. Қонун муқаррар намудааст, ки судҳои ҳакамӣ ду намуд доранд: 1) судҳои ҳакамии доимоамалкунанда; 2) судҳои ҳакамии якборамалкунанда [6].

Пас, қайд кардан ба маврид мебошад, ки муайянсозии мафҳуми суди ҳакамӣ бевосита бо ҳайати як ҳакам ё ҳайати ҳакамон оид ба баррасии баҳси мушаххас алоқаманд мебошад. Т.В. Летута дар ҷараёни омӯзиши масъалаи табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ саволи зеринро мегузорад: «Оё суди ҳакамиро ба ҳакам ва ё коллегияи арбитрон (ҳакамон) айният додан имконпазир аст? Ин савол саволи риторикӣ аст[4, с.79]. Барои мутахассиссони соҳаи ҳуқуқи гражданӣ нуктаҳои зерин возеҳу равшан мебошанд ва ба ҳаллу фасл эҳтиёҷ надоранд:

Аввалан, шумораи ҳайати ҳакамон ба табиати ҳуқуқии қарори қабулшавандаи суди ҳакамӣ таъсир намерасонад. Ҳам дар мавриди иштироки як ҳакам ва ҳам дар мавриди иштироки якчанд ҳакам қарор аз номи суди ҳакамӣ, на аз номи як шахси алоҳида (ҳатто ҳакам) бароварда мешавад;

Сониян, ба воситаи ишора ба ҳакам ё ҳайати ҳакамон муайян кардани суди ҳакамӣ маъно надорад ва ин ҳолат дар муқоиса бо дигар падидаҳои ҳуқуқӣ возеҳу равшан мегардад. Масалан, ҳангоми муайян намудани мафҳуми «суд» сарчашмаҳои ҳуқуқӣ танҳо бо ишора намудан ба як судя ва ё гурӯҳи судяҳо маҳдуд намегарданд. Суд ҳамчун мақоми давлатии баамалбарорандаи адолати судӣ «дар шакли баррасӣ ва ҳалли ҳама гуна категорияҳои парвандаҳо бо тартиби мурофиавии муқаррар намудани қонун» муайян карда мешавад [4, с.78].

Ҳамин тавр, тавсифи падидаи ҳуқуқӣ танҳо бо номбар намудани субъектҳои ба мавҷудияти он бевосита алоқамандӣ дошта маҳдуд шуда наметавонад.

Мавҷуд набудани таърифи дар қонун зикршудаи мафҳуми суди ҳакамӣ, ки табиати моддию ҳуқуқии онро инъикос мекунад, боиси нафаҳмидани моҳияти падидаи ҳуқуқии мавриди таҳқиқ мегардад. Аз як тараф, «суди ҳакамӣ ба низоми мақомоти ба амалбарории адолати судӣ мансуб намебошад». Мутаносибан онро сивилистика аз мавқеи иштироки давлат дар муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, чи тавре ки ин ҳолат дар мавриди мақоми судҳои давлатӣ ҷой дорад, баррасӣ карда наметавонад.

Аз тарафи дигар, дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳои ҳакамӣ ҳамаи

[1] Дар матни мақола минбаъд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» бо калимаи «қонун» ифода мешавад.

стандартҳои баррасии парванда аз ҷониби судҳои давлатӣ риоя мегардад. Кафолатҳои ҳалли баҳс дар судҳои ҳакамӣ бояд ба кафолатҳои адолати судӣ шабеҳ бошанд» [4, с. 78]. Пас, ба эътибор нагирифтани ҷанбаҳои оммавӣ - ҳуқуқии падидаи мазкур имкон намедиҳад, ки хусусияти судҳои ҳакамӣ муайян карда шаванд.

С.Г. Забегайло дар пажӯҳишҳои илмии худ масъалаи ғайриимкон будани мансуб донистани судҳои ҳакамӣ ба субъектони "давлатӣ" ё ба субъектони "хусусӣ"-и муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқиро матлаби таҳлил қарор дода, ба аҳамиятнок будани мавзӯи мазкурро ишора намудааст[3].

Инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ ва молию пулӣ ва дигар омилҳои инкишофи муносибатҳои хусусӣ тақозо менамоянд, ки судҳои ҳакамӣ низ дар соҳаҳои алоҳидаи ин муносибатҳо фаъолият намоянд, яъне ба тариқи махсусгардонидашуда фаъолият баранд. Зеро соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бисёрҷанба, мухталиф ва мураккаб буда, дониши зиёди махсус ва мутахассисони босалоҳияти ин соҳаҳоро тақозо менамояд, то ки онҳо баҳсҳои бамиёномадаро ҳамаҷониба, воқеъбинона ва беғаразона ҳаллу фасл намоянд. Аз ин ҷо, судҳои ҳакамӣ дар соҳаи кишоварзӣ, қарздиҳӣ, сохтмон ва соҳаҳои дигарро кишварҳои мутараққӣ таъсис ёфта метавонанд.

Махсусгардонии судҳои ҳакамӣ ҳамчунон барои дар вақти кӯтоҳ ва дар сатҳи баланди касбӣ ҳал намудани баҳсҳои тарафҳо низ хеле муфиду зарур мебошад.

Суди ҳакамӣ яке аз шакли муҳим ва ташаккулёфтаи алтернативии ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва гражданӣ ба шумор меравад. Дар амалияи давлатҳои ҷаҳони муосир онҳо заруроту аҳамияти худро собит намуданд ва пайваста мукаммалу инкишоф ёфта истодаанд.

Ҳамон тавре, ки пештар қайд гардид, яке аз хусусиятҳои ҳама гуна низоъҳо, аз ҷумла баҳсҳои иқтисодӣ ва гражданӣ аз он иборат мебошанд, ки онҳо ба кӯмаки ҷониби сеюм (шахси сеюм) эҳтиёҷ доранд, зеро ду тараф, ки миёни онҳо ихтилоф ба вуҷуд омадааст, наметавонанд (аз ҷумла аз лиҳози психологӣ) ба ҳам биёянд, баҳсҳои мавҷудаи худро ҳаллу фасл намоянд. Ҷониби сеюм (ё шахси сеюм) бояд мавқеъи онҳоро ба ҳам наздик созад, бурду бохти тарафҳоро оид ба баҳс ба онҳо фаҳмонад, то ки онҳоро ба созиш биёрад ё дар асоси қонун одилона ва холисона баҳси онҳоро ҳаллу фасл намояд [1, с.22].

Албатта, интихоби тарзу воситаҳои ҳалли баҳсҳо аз иродаи тарафҳо вобаста аст. Онҳо мустақилона бо дарназардошти манфиатҳои худ ин воситаҳоро интихоб менамоянд ва ба ин амал ҳуқуқи комил доранд. Аз дигар тараф, таҷрибаю амалияи фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар давлатҳое, ки ин мақом дар онҳо собиқаи зиёд дорад, нишон медиҳад, ки дар баррасӣ ва ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодӣ бештар судҳои ҳакамии доимоамалкунанда муфидтар ва самараноктар мебошанд, зеро онҳо ҳам аз нигоҳи ташкилӣ ва ҳам аз нигоҳи ихтисоснокию таҷрибаи фаъолияти ҳакамҳои ин судҳо ба ин кор хубтар омода мебошанд.

Дар соҳаи муносибатҳои тиҷоратии байналмилалӣ бештар арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ амал мекунанд, ки онҳо яке аз намудҳои судҳои ҳакамии доимоамалкунанда мебошанд. Ин мақомот дар назди палатаҳои савдою саноат таъсис дода мешаванд, зеро ин палатаҳо бевосита ба ташкили муносибатҳои савдои хориҷӣ ва бо субъектҳои хориҷии хусусӣ бештар сарукор доранд.

Судҳои ҳакамӣ ҳамчун механизми алтернативии ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва гражданӣ дар асоси принсипҳои хоси худ таъсис меёбанд ва фаъолият мекунанд. Ин принсипҳо аз моҳияти демократӣ, беғаразона, холисона ва мустақилияти судҳои ҳакамӣ бармеоянд.

Ба ин принсипҳо дохил мешаванд:

1) ба таври ихтиёрӣ, дар асоси хоҳиши тарафҳо ташкил шудани судҳои ҳакамӣ;

2) интихобӣ будани судяҳои судҳои ҳакамӣ;

3) ба қонунгузории мурофиавии гражданӣ ва мурофиаи судии иқтисодӣ вобаста набудани судҳои ҳакамӣ;

4) ба таври пӯшида гузаронидани муҳокимаи ҳакамӣ;

5) ба таври ихтиёрӣ иҷро намудани қарори суди ҳакамӣ;

6) дастгирии давлатии фаъолияти судҳои ҳакамӣ [5, с.127-133].

Яке аз принсипи асосии ташкилшавии судҳои иқтисодӣ ин дар асоси розоияти тарафҳо ташкил шудани суди номбурда мебошад. Тарафҳо ризоияти худро метавонанд дар шартномаҳои гражданӣ- ҳуқуқии худ дар шакли тавзеҳоти ҳакамӣ ва ё дар шакли созишномаи ҳакамӣ барои дар суди ҳакамӣ баррасӣ ҳал намудани баҳси бавуҷудомада ифода намоянд. Тибқи ризоияти тарафҳо онҳо метавонанд аз судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ва ё як карата истифода баранд.

Ба таври ихтиёрӣ ва дар асоси ризоияти тарафҳо ташкил шудани судҳои ҳакамӣ муайянкунандаи дигар принсипҳо ва ҷанбаҳои фаъолияти судҳои ҳакамӣ мебошад. Моҳияти судҳои ҳакамӣ ҳам аз ҳамин принсип бармеояд.

Аз ҷониби тарафҳо интихоб шудани судяҳои судҳои ҳакамӣ низ ба моҳияти демократии судҳои ҳакамӣ иртиботи бевосита дорад. Тарафҳои баҳс ҳангоми муроҷиат ба судҳои ҳакамии доимоамалкунанда судяҳоро бо хоҳиши худ мустақилона интихоб менамоянд. Судяҳо аз ҷониби тарафҳо бояд дар асоси ихтисосмандӣ, кордонӣ, таҷрибадорӣ ва беғаразии онҳо интихоб карда шаванд. Агар манфиатдории судя нисбат ба баҳси баррасишаванда маълум гардад, худи судя ё тарафе нисбати он бояд изҳори рад намояд.

Ба қонунгузории мурофиавии гражданӣ ва мурофиаи судии иқтисодӣ вобаста набудани судҳои ҳакамӣ. Маълум аст, ки мурофиаи гражданӣ ва мурофиаи судии иқтисодӣ тибқи кодексҳои ин соҳаҳо дар судҳои давлатӣ сурат мегирад ва қоидаҳои мурофиавии онҳо хеле мураккаб мебошанд. Дар судҳои ҳакамӣ, ки тарафҳо бо хоҳиши худ, мустақилона онҳоро ташкил медиҳанд ва дар асоси розигии онҳо муҳокимаи ҳакамӣ оғоз мегардад, зарурат ба чунин қоидаҳои мураккаби мурофиавӣ намемонад. Мурофиа дар судҳои ҳакамӣ ба таври сода мегузарад. Ин мурофиа дар асоси қоидаҳои (регламент ё низомномаи) судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ё дар асоси созишномаи ҳакамӣ, ки барои таъсиси судҳои ҳакамии як карата баста мешавад, сурат мегирад.

Ба таври пӯшида гузаронидани муҳокимаи ҳакамӣ. Маҷлисҳои судҳои ҳакамӣ маъмулан пӯшида гузаронида мешавад. Пӯшида гузаронидани ин маҷлисҳо ба он вобаста аст, ки масъалаҳои дар ин судҳо баррасишаванда моҳияти хусусӣ дошта, ба манфиати тарафҳои баҳс дахл доранд ва ташкилшавию фаъолияти судҳои ҳакамӣ низ бо ташаббуси тарафҳои баҳс вобаста аст. Аз ин ҷо, принсипи "дарҳои кушода", ки дар судҳои давлатӣ амал менамояд, барои судҳои ҳакамӣ ҳатмӣ нест. Шахсоне, ки иштирокчии муҳокимаи ҳакамӣ нестанд, метавонанд танҳо бо розигии тарафҳои баҳскунанда дар маҷлиси судӣ иштирок намоянд.

Ба таври ихтиёрӣ иҷро намудани қарори судҳои ҳакамӣ. Ин принсип аз он бар меояд, ки суди ҳакамӣ, ки дар асоси ихтиёрӣ ва бо майлу хоҳиши тарафҳо ташкил карда мешавад, иҷроиши қарори он низ бояд ба таври ихтиёрӣ иҷро карда шавад. Қобили зикр аст, ки судҳои ҳакамӣ бояд тамоми чораҳоро бинанд, то ки тарафҳои баҳс ба созиш биёянд. Дар асл ҳам ҳамин тавр ҳаст. Дар бисёр ҳолатҳо баҳс дар судҳои ҳакамӣ бо созиши тарафҳо анҷом меёбад.

Албатта, дар баъзе мавридҳо тарафҳо мумкин аст ба созиш наоянд. Дар ин ҳолат суди

ҳакамӣ қарори ниҳоии худро қабул менамояд. Барои ба таври ихтиёрӣ иҷро намудани қарорҳои судҳои ҳакамӣ, тарафҳо пеш аз оғози муҳокимаи ҳакамӣ дар созишномаи ҳакамӣ дар ин бора қайд менамоянд.

Агар, қарори суди ҳакамӣ аз ҷониби тарафи дахлдор ба тариқи ихтиёрӣ иҷро карда нашавад, дар ин маврид тарафи ҳуқуқдор мувофиқи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба судҳои ноҳиявӣ(шаҳрӣ) барои ба тариқи маҷбурӣ иҷро кардани қарори суди ҳакамӣ мурожиат менамояд. Суди ноҳиявӣ (шаҳрӣ) барои ба тариқи маҷбурӣ иҷро кардани қарори суди ҳакамӣ варақаи иҷро медиҳад ва тибқи он иҷрочиёни суд қарори суди ҳакамиро ба иҷро мерасонанд [1, с. 32].

Дастгирии давлатии судҳои ҳакамӣ. Ҳамон тавре, ки дар боло ишора гардид яке аз асосҳои барпо намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд ривоҷу равнақ додани муносибатҳои хусусӣ, таҳкими ин муносибатҳо ва аз тарафи худи субъектҳои муносибатҳои мазкур ҳаллу фасл намудани баҳсҳое мебошад, ки вобаста ба онҳо пайдо мешаванд. Дар чунин ҷомеаҳо давлат, мақомот ва шахсони мансабдори он ба ин масъалаҳо машғул намешаванд ва ба онҳо дахолат намекунанд. Ба ибораи дигар масъалаҳои номбурда соҳаи манфиатҳои хусусӣ мебошад. Чунин механизмҳо давлатро аз ин масъалаҳо озод менамояд ва ба он имкон медиҳад, ки ба вазифаҳои "ҷонии" худ машғул шавад.

Ҳолатҳои номбаршуда давлатро ҳавасманд менамоянд, ки механизми алтернативии ҳалли ин баҳсҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ намояд.

Аз ҷониби дигар, давлат заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судро ба воситаи қабули қонунҳо ва дигар санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ муҳайё месозад. Инчунин иҷрои маҷбурии қарорҳои судҳои ҳакамиро аз тариқи судҳои давлатӣ таъмин мекунад.

Ин принсипҳо ва дигар хусусиятҳои судҳои ҳакамӣ бартариии онҳоро нишон медиҳанд. Ба ин бартариҳо мансубанд:

- сарфаи маблағҳои тарафҳои баҳс, зеро пардохтҳо ва дигар хароҷот дар судҳои ҳакамӣ назар ба судҳои давлатӣ хеле кам мебошад;
- тарафҳои баҳс ҳакамони суди ҳакамиро вобаста ба эътиқоди ботинии худ мустақилона интихоб менамоянд;
- дар муддати кӯтоҳ барраси шудани баҳс дар судҳои ҳакамӣ;
- ба тариқи сода барраси шудани баҳс дар судҳои ҳакамӣ, зеро судҳои ҳакамӣ ба меъёрҳои қонунгузории мурофиавии гражданӣ ва ё иқтисодӣ вобаста нестанд;
- кӯшиши ҳаматарафаи судҳои ҳакамӣ барои ба созиши оштӣ овардани тарафҳои баҳс;
- ба тариқи ихтиёрӣ иҷро намудани аксарияти кулли қарорҳои судҳои ҳакамӣ.

Ҳамин тавр бояд қайд намуд, ки судҳои ҳакамӣ яке аз шакли муҳим ва ташаккулёфтаи алтернативии ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва гражданӣ дониста шуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқии фаъолияти онҳо, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» қабул гардидааст.

**_Пайнавишт:_**

1. *Ализода Зариф ва диг. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Судҳои ҳакамӣ». – Душанбе: 2011. - 164 с.*
2. *Болтуев С.Ш. Мурофиаи гражданӣ. Қисми умумӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 384с.*
3. *Забегайло С.Г. Взаимодействие третейских судов и судов общей юрисдикции // Вестник Омского университета. Серия «Право». – 2010. №2 (23). – С.122-133.*

4. *Летута Т.В. Понятие, правовая природа третейского суда // Вестник университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). – 2016. №10. – С.76-83.*
5. *Каса И.Р. К вопросу о компетенции третейского суда // Образование и право. Юридические науки. – 2017. № 12. – С.127-133.*
6. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 2, мод. 10, Қонуни ЧТ аз 03.07.12, №862.*
7. *Прохоренко В.В. Третейские суды в России //* http://www.auditirium.ru/boors. *(санаи муроҷиат: 12 майи соли 2021).*

***Reference Literature:***

1. *Alizoda Zarif et alia. Commentaries to Tajikistan Republic Law "Arbitration Tribunals". - Dushanbe: 2011. - 164 pp.*
2. *Boltuev S.Sh. Civil Trial. General part. - Khujand: Publisher, 2019. – 384 pp.*
3. *Zabegailo S.G. Interaction between Arbitration Tribunals and Common Jurisdiction // Bulletin of Omsk University. Series "Law". - 2010. № 2 (23). - pp. 122 - 133.*
4. *Letuta T.V. Concept, Legal Nature of Arbitration Tribunals // Bulletin of Moscow State Law Academy named after O.E. Kutafin. – 2016, № 10. - pp. 76 - 83.*
5. *Kasa I.R. To the Issue of Authorization of Arbitration Tribunals for certain Actions // Education and Law. Juridical Sciences. – 2017, № 12. - pp. 127 - 133.*
6. *Tajikistan Republic Law "On Arbitration Tribunals" // Bulletin of Tajikistan Republic Majlis Oli (Supreme Council), 2008, No. 1, Part 2, article 10, TR Law from 03.07.12, № 862.*
7. *Prokhorenko V.V. Arbitration Tribunals in Russia // http://www.auditirium.ru/boors. (Date of appeal: 12.05.2021).*